**Тақризи**

*мушовири илмӣ ба диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ тавсия мешавад.*

Публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиву сиёсиро фаро гирифта, дар баррасиву ҳалли мушкилоту муаммоҳои муҳими замон на кши барозанда дорад. Маълум аст, ки матбуот, аз ҷумла матбуоти маҳаллӣ ҳамчун василаи муассири робитаи байни мардум ва давлат дар давраҳои гуногун барои пешрафти ҷомеа ва таҳкими асосҳои давлатдорӣ мусоидат кардааст. Эҷоди публитсистӣ дар саҳифаҳои ин матбуот дар раванди сохтмону бунёдкориҳо ва дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ таъсири назаррас дорад. Дар ин раванд матбуоти маҳаллӣ аз ҳама жанрҳои публитсистиву бадеӣ истифода бурда, дар рушду пешрафти низом нақш гузоштааст. Дар саҳифаҳои он образи шахсони фаъолу ибратбахше намудор мегардад, ки дар пасманзари онҳо ҳамфикрӣ, гуногунандешӣ, тазод ва муборизаҳои синфию иҷтимоии давраҳои гуногун ифода гардида, дар заминаи ҷаҳонбинию ақидаҳои сиёсӣ, донишҳои фалсафиву ахлоқӣ ва фарҳангиву адабии муаллифон бозгӯкунандаи моҳияти ҳаёт гардидаанд. Комилан дуруст аст, ки матбуоти маҳаллӣ дар қолаби публитсистиву бадеии эҷод бо воқеиятнигорӣ таърихномаи маҳалро ба вуҷуд овардаву меорад.

Аҳамият ва арзиши илмии диссертатсия дар он аст, ки омӯзиши публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллӣ дар бораи аввалин падидаҳои эҷоди публитсистӣ, фаъолияти адибони ҷавони маҳаллӣ, нақши даъвату муътақидсозии эҷоди онҳо, фазои хабариву муҳити маънавию иҷтимоии маҳал ва пойдеври ташаккули публитсистикаи матбуотии кишвар аз лиҳози мундариҷаву мавзӯъ, қолабҳои жанрӣ ва дигар аносири ҳунарӣ маводи арзишманду маълумоти возеҳ дода, ин омилҳо нақши назаррас доштани матбуоти маҳаллиро дар пешрафти маърифату ҷаҳонбинии

омма, тарбияи маънавию худшиносии миллӣ ва ҷанбаҳои ватандӯстиву бунёдкорӣ собит менамояд.

Бо назардошти ин, мавзӯи таҳқиқи номзади илмҳои филологӣ Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон» саривақтӣ ва актуалӣ буда, дорои арзиши баланди илмӣ аст. Дар таҳқиқи мавзӯъ Қутбиддинов А. муносибати илмӣ намуда, таҳлилу ташхис, назару андеша, мубоҳисаву хулосаҳои таҳқиқотиашро дар такя ба андешаҳои олимони соҳаи адабиёт, публисистика ва таърих бо асноду далелҳо асоснок кардааст. Дар рисола бори аввал ҷараёни таърихии инкишоф ва публитсистикаи бадеии нашрияҳои «Шаҳриёр» ва «Набзи Файзобод» ба таври комплексӣ ва дар алоқамандӣ бо якдигар ба таҳқиқ гирифта мешаванд. Муайян намудани таъйиноту моҳияти матбуоти маҳаллӣ ва таҳқиқи авомили таърихии инкишофи нашрияҳои алоҳидаи ноҳиявӣ дар самти пажӯҳишҳои таърихии матбуоти тоҷик иқдоми аввалин мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, 11 фасл, хулоса ва феҳристи адабиёту сарчашмаҳо иборат аст. Бо назардошти ҳадафи таҳқиқ, бобҳои рисола мантиқан ҳамдигарро пурра мекунанд ва фаслҳо низоми фикри муҳаққиқро таъмин кардаанд. Дар шакли муназзам ифода кардани ҳадаф моҳияти мақсади пешгузошташударо ошкор кардааст.

Боби якум «Баъзе ҷанбаҳои назарии шинохти матбуоти маҳаллӣ ҳамчун типи хоси матбуоти даврӣ» унвон дошта, аз чор фасл иборат мебошад. Фасли аввали боби якум бо номи «Аносири умумӣ ва хосаи нашрияҳои маҳаллӣ» характери назариявӣ дошта, дар он дар бораи нақши матбуот дар ҳаёти иҷтимоӣ, ҷойгоҳи матбуоти маҳаллӣ дар низоми матбуоти даврӣ ва таъйиноту моҳияти матбуоти маҳаллӣ таваққуф карда шудааст. Фасли дуюми боби аввал «Ҷанбаҳои таърихии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон» унвонгузорӣ гардида, дар он баъзе масъалаҳои таърихии матбуоти маҳаллии кишвар баррасӣ мегарданд. Фасли сеюми боби аввал «Таърихи мухтасари нашрияи «Шаҳриёр» ном дошта, дар бораи таърихи рӯзномаи ноҳиявии «Шаҳриёр»-и шаҳри Ваҳдат сухан

меравад. Дар фасли чоруми боби якум бо номи ««Набзи Файзобод» ва марҳилаҳои ташаккули он» баъзе марҳилаҳои таърихии нашрияи ноҳияи Файзобод таҳқиқ гардидааст.

Боби дуюми кор бо номи «Таҳлили мавзӯоти асосии матбуоти маҳаллӣ» аз се фасл иборат буда, дар он дар бораи таркиби мавзӯии нашрияҳо таваққуф карда шудааст. Аз фасли аввали ин боб таҳти унвони «Нақши идеологӣ ва уфуқҳои мавзӯъҳои иҷтимоиву сиёсӣ» маълум мегардад, ки нишондодҳои муассис ва донишҳову ҷаҳонбинии бевоситаи мухбири рӯзнома самти мавзӯи идеологиву сиёсии рӯзномаҳоро шакл бахшидааст. Дар ин раванд матбуоти маҳаллӣ бо умумияти характери ҳизбӣ доштани фаъолияти журналистӣ амал намуда, воқеияти ҳаёти иҷтимоиро дар партави идеалҳои ҳизбӣ инъикос менамуд. Фасли дуввуми боби дуюм «Доираи мавзӯоти фарҳангиву худшиносии миллӣ» ном дошта, фарогири масъалаҳои фарҳангиву маънавӣ ва худшиносии миллӣ дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ мебошад. Дар фасли сеюми боби дуюм таҳти унвони «Мавзӯи сохтмон ва бунёдкориҳои кишвар» дар мавриди нақши матбуоти маҳаллӣ дар инъикоси созандагиҳову бунёдкориҳои солҳои гуногун сухан меравад.

Боби сеюми кор «Рангорангии жанрии матнҳои публитсистикаи бадеӣ» ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввали ин боб таҳти унвони «Таъиноти умумӣ ва хосаи жанрҳои публитсистиву бадеии матбуот» дар бораи хусусиятҳои жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ дар саҳифаҳои нашрияҳои «Шаҳриёр» ва «Набзи Файзобод» баҳс менамояд. Фасли дуюми боби сеюм бо номи «Баъзе хусусиятҳои жанрии назми публитсистӣ» мавқеи шеъри иҷтимоиро дар саҳифаҳои нашрияҳои мазкур нишон медиҳад.

Боби чорум «Воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ дар публитсистикаи нашрияҳои маҳаллӣ» аз ду фасл иборат гаштааст. Фасли аввал масъалаи «Образ ва образнокӣ дар публитсистикаи матбуоти маҳаллӣ»-ро дар нашрияҳои «Набзи Файзобод» ва «Шаҳриёр» баррасӣ менамояд. Дар фасли дуюми боби чорум таҳти унвони «Таносуби воқеа

ва тахайюл дар лавҳа ва очеркҳои матбуоти маҳаллӣ» дар бораи ду аҷзои меҳвариву таркибии лавҳаву очеркҳои нашрияҳои мавриди таҳқиқ таваққуф шудааст.

Хулосаҳои таҳқиқоти Қутбиддинов А. ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далелу аснод асоснок карда шудааст. Автореферат ва маводи доир ба мавзӯи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф - 28 маводи илмӣ, аз ҷумла 18 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд. Қутбиддинов А. Ҳ. дар солҳои таҳқиқи мавзӯъ худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос нишон дода, дар пажӯҳиши мавзӯи илмӣ ҷиддӣ машғул шуд, бо мушовири илмии худ дар робитаи доимӣ қарор дошт, доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқ осори илмӣ ба нашр расонд, дар ҳамоишҳои илмӣ иштирок ва суханронӣ кард.

Диссертатсияи Қутбиддинов А. Ҳ. «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон» кори баанҷомрасида буда, ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Мушовири илмӣ: Имомзода М.С.,
доктори илмҳои филологӣ,
академик

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Нисрмуҳаммад, 13а
Тел.: 93- 580 – 64 - 44
E-mail: mort@maorif.tj

«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.